## Ҷамъбасти фаъолияти Муассиса дар нимсолаи аввали соли 2019

Санаи 22 июли соли ҷорӣ, бо иштироки роҳбарият, кулли кормандони Муассиса инчунин муовини сардори Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Муслиҳиддин Усмонов ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти Муассиса дар нимсолаи аввали соли 2019 баргузор гардид.

Ҷаласаро и.в.Директори Муассиса Мирзо Исмоилзода оғоз намуда, вобаста ба фаъолияти нимсола барои пешниҳоди маърӯза суханро ба Муовини  Директор Боймурод Боев доданд.

Тибқи маърӯзаи пешниҳодгардида, маълум гардид, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 ба Муассиса 7 ариза барои гирифтани патенти Авруосиёгӣ, 54 ариза барои гирифтани нахустпатент ба ихтироъ ва 1 адад ариза барои гирифтани патент ба ихтироъ ворид гардидааст.

Шумораи патентҳои авруосиёгӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин давра эътибор доранд, 6219 ададро ташкил медиҳанд.

Дар давраи ҳисоботӣ, тибқи бақайдгирии байналмилалии низоми Гаага бо нишондоди Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 ариза ба намунаи саноатӣ пешниҳод шудааст. Ҳамагӣ то ба имрӯз, шумораи намунаи саноатӣ тибқи низоми Гаага бо нишондоди Ҷумҳурии Тоҷикистон 657 ададро ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ, барои ба қайд гирифтани тамғаи молӣ 226 арзнома ба Муассиса ворид шудааст, ки аз онҳо 89 ариза ба аризадиҳандагони миллӣ ва 137 ариза ба аризадиҳандагони хориҷӣ таалуқ доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ, ба Муассиса 1226 дархости байналмилалӣ барои бақайдгирӣ ворид шудааст. Аз санҷиши нишони арзшуда 659 дархост гузаштааст. Аз инҳо, 91 дархост бо дискламатсия, 79 дархост қисман ба қайд гирифта шудаанд ва 273 дархост пурра рад шудаанд.

Дар нимсолаи аввали соли 2019, аз ҷониби  Муассиса 236 рисолаҳои номзадӣ 17 рисолаи докторӣ ва 5 рисолаи доктории PhD бақайд гирифта шуд.

Дар ин давра, 58 лоиҳаҳо оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ, аз тарафи кормандони Муассиса 300 варақаи шахсии кадрҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ гардида, ба манбаи маълумотии «Кадрҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дохил карда шуд.

Бояд қайд кард, ки дар ин давра, дар сомонаи Интернет-портали миллии инноватсионӣ www.innovation.tj  207 маълумот дар самти фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ ҷойгир карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ хазинаи Китобхонаи давлатии патентию техникӣ бо 74513 нусха пурра гардонида шудааст, ки аз ин миқдор 73035 нусхаро тафсифҳои ихтироот ташкил медиҳанд.

Инчунин қайд гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ, ба Муассиса 3607 ҳуҷҷат, аз вазорату идораҳо ворид гардид, ки нисбат ба ҳамаи онҳо мактубҳои ҷавобӣ ва хулосаҳои зарурӣ дар маҷмуъ 4216 ҳуҷҷат ирсол гардидааст.

Дар рафти ҷаласа муовини сардори Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоии Вазорат Мустиҳиддин Усмонов суханронӣ намуда, дар маҷмуъ фаъолияти нимсолаи Муассисаро бо назардошти дастовардҳо, мусбӣ арзёбӣ намуданд.

И.в.Директори Муассиса Мирзо Исмоилзода дар фарҷоми ҷаласа аз рӯи натиҷаи бадастомада ба роҳбарони воҳидҳои сохторӣ дастуру супоришҳои дахлдор дода, ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳа таклифу пешниҳодҳоро ба кулли кормандони Муассиса барои пешдасти кор намудан, манзур намуданд.





